Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

4 июли соли 2026 Шанбе № 53 (15272)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ГУРҶИСТОН БА САТҲИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ БАРОМАДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе 2–3 июл бо сафари давлатӣ дар ин кишвар қарор дошт.***



Сарвари давлати мо 3 июл аз Майдони қаҳрамонони шаҳри Тбилисӣ боздид намуд.

Ба ифтихори Сарвари давлати мо қаровули фахрӣ саф орост.

Роҳбари кишвари мо ба пояи Ёдгории қаҳрамононе, ки барои ваҳдати Гурҷистон ҷони худро фидо кардаанд, гулчанбар гузошт. Ҳамчунин, бо иҷрои оркестри ҳарбӣ сурудҳои миллии Ӯзбекистон ва Гурҷистон садо доданд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе музокиротро дар ҳайати маҳдуд ва сипас бо иштироки аъзои ҳайатҳои расмии ду кишвар баргузор намуданд.

Роҳбари давлати мо таъкид кард, ки сафари давлатии кунунӣ ба Гурҷистон нахустин чунин сафар дар бештар аз бист соли охир буда, барои ба сатҳи нави сифатан баланд бардоштани муносибатҳои Ӯзбекистону Гурҷистон аҳамияти махсус дорад.

Дар ҷараёни музокирот масъалаҳои тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиёту транзит, сайёҳӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки робитаҳои фаъол дар ҳама сатҳҳо идома меёбанд. Ҷонибҳо аз идомаи мубодилаи фаъоли байниҳукуматӣ, байнипарлумонӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ пуштибонӣ карданд.

Соли гузашта ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар ба 270 миллион доллари ИМА расид ва аз аввали соли ҷорӣ аз 100 миллион доллар гузаштааст. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки барои дар солҳои наздик ба 1 миллиард доллар расонидани ин нишондиҳанда, бартараф намудани номувозинатӣ дар савдо, афзоиши содироту воридоти молҳои серталаб ва баргузории намоишгоҳҳои муштараки саноатӣ «харитаи роҳ»-и алоҳида қабул карда шавад.

Ҳамчунин масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёту транзит ва фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи пурраи иқтидори мавҷуда дар ин самт баррасӣ шуданд.

Ба истифодаи фаъолонаи инфрасохтори бандарҳои Поти ва Батумӣ ҳангоми интиқоли борҳои Ӯзбекистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Нақшаҳои таъсиси маркази логистикӣ, минтақаи саноатӣ ва шоуруми маҳсулоти Ӯзбекистон дар ҳудуди он дастгирӣ шуданд.

Сарвари давлатамон оғози фаъолияти долони роҳи оҳани «Боку – Тифлис – Карс»-ро истиқбол намуда, пешниҳод кард масъалаи пайваст намудани он бо шоҳроҳи роҳи оҳани «Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон» мавриди омӯзиш қарор гирад.

Ҳамкории саноатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои ду кишвар эътироф гардид. Ба натиҷаҳои ҳамоиши муштараки соҳибкорон, ки як рӯз пеш баргузор шуда буд ва дар доираи он Барномаи ҳамкории саноатӣ то соли 2027 ба имзо расид, баҳои баланд дода шуд.

Ҷонибҳо дар бораи татбиқи лоиҳаҳои нав дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноати электротехникӣ ва энергетика, дорусозӣ, саноати хӯрокворӣ ва сабук, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, девелопмент, рақамикунонӣ, рушди бахши IT, бонкдории рақамӣ ва сайёҳӣ ба мувофиқа расиданд. Барои дастгирии чунин ташаббусҳо пешниҳод шуд, ки Фонди муштараки сармоягузорӣ таъсис дода шавад.

Робитаҳои фарҳангиву башардӯстона низ босуръат густариш меёбанд. Моҳи март дар шаҳри Тошканд Рӯзҳои фарҳанги Гурҷистон бо муваффақият баргузор гардид.

Президенти Ӯзбекистон ба ҷониби Гурҷистон барои қарор бобати ба яке аз боғҳои шаҳри Тифлис додани номи шоири бузурги ӯзбек Алишер Навоӣ изҳори сипос намуд.

Ҳамчунин қарор шуд, ки соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон ҳамоишҳои муштараки маориф ва сайёҳӣ баргузор гарданд.

Ҷонибҳо инчунин дар бораи таъсиси Сафоратхонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Гурҷистон қарор қабул карданд.

Аз рӯйи натиҷаҳои музокирот «харитаи роҳ»-и муштарак оид ба татбиқи қарорҳои қабулшуда таҳия хоҳад шуд.

Дар натиҷаи музокирот Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе Эъломияро дар бораи барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ ба имзо расониданд.

Дар ҳузури роҳбарони ҳайатҳои расмӣ инчунин мубодилаи як қатор санадҳои дуҷониба баргузор гардид. Аз ҷумла:

– Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва расонидани кумаки маъмурӣ дар корҳои гумрукӣ;

– Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рақамикунонӣ;

– Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ва олӣ, илм ва навоварӣ;

– Барномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҳукумати Гурҷистон барои солҳои 2026–2027;

– Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Вазорати фарҳанги Гурҷистон барои солҳои 2027–2030;

– Ёддошти тафоҳум байни Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Вазорати молияи Гурҷистон;

– Ёддошти ҳамкорӣ оид ба ҷорӣ намудани низоми электронии мубодилаи иҷозатномаҳо «E-Permit»;

– Ёддошти тафоҳум дар соҳаи кишоварзӣ;

– Ёддошти ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;

– Ёддошти тафоҳум дар соҳаи тандурустӣ;

– Ёддошти ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот оид ба ҳифзи радиатсионӣ ва амнияти ҳастаӣ;

– Ёддошти тафоҳум дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ;

– Ёддошти ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Дар доираи ин сафар инчунин Ёддошти ҳамкорӣ байни Бюрои иҷрои маҷбурии назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Бюрои миллии иҷрои назди Вазорати адлияи Гурҷистон ба имзо расид.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе дар маросими ботантанаи ифтитоҳи муҷассамаи фарзанди бузурги халқи ӯзбек, шоир ва мутафаккир Алишер Навоӣ дар шаҳри Тбилисӣ иштирок намуданд.

Мероси Алишер Навоӣ на танҳо ба халқи ӯзбек, балки ба тамоми башарият тааллуқ дорад. Осори ӯ, ки ба як донишномаи зиндагӣ шабоҳат дорад, наслҳои гуногунро илҳом мебахшад ва барои муҳаққиқон, дӯстдорони адабиёт ва ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд олами ғании маънавии Шарқро амиқтар бишносанд, манбаи арзишманди дониш ба шумор меравад.

Ифтитоҳи муҷассамаи Алишер Навоӣ дар Тбилисӣ боз як рӯйдоди муҳими таърихи робитаҳои фарҳангии Ӯзбекистону Гурҷистон гардид. Халқҳои ду кишварро аз қадимулайём роҳҳои тиҷоратӣ, эҳтироми мутақобила ва таваҷҷуҳ ба мероси ғании фарҳангии якдигар ба ҳам мепайванданд.

Дар Ӯзбекистон ба шоири бузурги гурҷӣ Шота Руставелӣ эҳтироми хосса зоҳир мегардад. Яке аз кӯчаҳои марказии шаҳри Тошканд ба номи ӯ гузошта шуда, ҳамчунин муҷассамаи ин намояндаи барҷастаи адабиёти классикии Гурҷистон низ қомат афрохтааст. Соли гузашта ба яке аз боғҳои марказии шаҳри Тбилисӣ номи Алишер Навоӣ дода шуд.

Дар солҳои охир ҳамкориҳои фарҳангӣ ва башардӯстонаи байни Ӯзбекистон ва Гурҷистон марҳилаи нави рушдро касб намудаанд. Дар Тбилисӣ Рӯзҳои фарҳанг ва синамои Ӯзбекистон бо муваффақият баргузор шуданд, ҳамзамон дар Тошканд Рӯзҳои фарҳанги Гурҷистон доир гардиданд.

Дар маросим таъкид шуд, ки Алишер Навоӣ яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти ҷаҳон буда, осори гаронбаҳои ӯ дар тӯли асрҳо мардумро ба инсондӯстӣ, маърифат, хирад ва эҳтироми ҳамдигар даъват мекунад.

Изҳори боварӣ карда шуд, ки муҷассамаи Алишер Навоӣ дар Тбилисӣ боз як рамзи барҷастаи робитаҳои дӯстии мустаҳкамшаванда байни халқҳои Ӯзбекистон ва Гурҷистон хоҳад шуд.

Бо ҳамин Барномаи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Гурҷистон ба анҷом расид. Дар фурудгоҳи байналмилалии ба номи Шота Руставелӣ меҳмони олиқадрро Сарвазири Гурҷистон Ираклий Кобахидзе гусел намуд.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**Ба пешвози 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ» — ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ НАВИ РУШДИ ҚӮҚАНД

***Бо ташаббус ва иқдоми наҷиби Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев шаҳру деҳоти соири вилоятҳои водии Фарғона ба ҳадде тағйир ёфтаву намои тоза касб менамоянд, ки бемуҳобот, назирашро дар минтақаи Осиёи Марказӣ пайдо кардан амри муҳол аст. Хусусан, дар солҳои охир масъалаҳои сохтмони манзил ва густариши он яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ гардидаанд. Ин раванд танҳо бо афзоиши ҳаҷми сохтмон маҳдуд намешавад. Ин раванди тағйир додани тамоми равиш, навсозии намуди зоҳирии шаҳрҳо ва тарзи зиндагии мардум аст. Ҳоло ҳамроҳи муштарӣ сайрамонро аз мавзеи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳри Қӯқанди латиф шурӯъ мекунем. Таври маълум, ин шаҳристони зебову пурҷилоро, ки онро дар гузашта Ҳавоканд ё Хӯқанд низ унвон кардаанд, хеле зебову дилрабо шудааст.***



Дарвоқеъ, ин шаҳристони бостонӣ дар канори худ як идда соҳибмаърифатонро зодаву парвардааст, ки дар рушди тамаддун ва пешрафти забон, адабиёт ва фарҳанг саҳми хеле бузург гузоштаанд. Дар ин радиф мо аз овардани ному насаби шоиру мутафаккир Муҳаммад Аминхӯҷа Муқимӣ (1850-1903), шоир ва маърифатпарвар, публитсист Зокирҷон Холмуҳаммад Фурқат (1859-1909), адиб, драматург ва намояндаи барҷастаи адабиёти муосири ӯзбек Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929) иктифо мекунем, ки бо осори худ дар дилу дидаҳои мардуми зиёд барои ҳамеша боқӣ мондаанд.

Ҳоло меравем ба самти мавзеъи нави шаҳр, ки барои 25 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст. Мешавад гуфт, ки аллакай қисмати аъзами биноҳо аз тарафи соҳибонашон ишғол шудаанд ва ҳар кадом ба зиндагии босуботу ором ва фаровони худ машғул мебошанд. Манзилҳои нав, ки дар ин шаҳр сохта шудаанд, на танҳо намуди зоҳирии онро тағйир додаанд, балки ба ҳаёти ҳазорҳо оилаҳо субот, эътимод ва имкониятҳои нав фароҳам овардаанд. Муҳимтар аз ҳама, ин тағйирот на танҳо аз рӯи шумора, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон низ ба таври возеҳ эҳсос мешаванд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Барои қадри инсон***

# ҲАЛЛИ МУРОҶИАТҲО

***ба некӯаҳволии аҳолӣ хидмат мекунад***

***Дар кишвари мо таъмини манфиатҳои шаҳрвандон, баррасии муроҷиатҳо ва ҳалли саривақтии мушкилоти онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.***

Бо ҳамин мақсад, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ механизми самараноки кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон ҷорӣ гардидааст, ки имкон медиҳад, мушкилоти аҳолӣ сари вақт баррасӣ ва ҳал карда шаванд.

Аз ҷумла, барои ба сатҳи нави сифатӣ баровардани кор бо муроҷиатҳо дар Қабулгоҳи мардумии Президент дар вилояти Намангон тадбирҳои васеъ амалӣ мешаванд.

Аз ҷумла, Стратегияи «Ӯзбекистон-2030», ки бо Фармони Президент тасдиқ шудааст, мақсад ва вазифаҳои равшанеро муқаррар кардааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии ҳалли мушкилоти аҳолӣ хизмат мекунад.

Қабулгоҳҳои сайёр, ки дар шакли рӯ ба рӯ бо аҳолӣ ташкил карда мешавад, дар фаъолияти маркази қабул яке аз самаранoктарин механизмҳои ҳалли муроҷиатҳо мебошанд. Роҳбарони масъул ба ноҳияҳо ва маҳаллаҳо сафар карда, шаҳрвандонро мешунаванд, мушкилоти онҳоро омӯхта, барои ҳал кардани масъала кӯшиш мекунанд.

Аз рӯи маълумотҳое, ки аз тарафи Қабулгоҳи халқӣ дар вилоят ба мо дода шуд, гуфтан мумкин, ки соли гузашта дар қабулгоҳҳои сайёр бо иштироки роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои минтақа тақрибан 17 ҳазор муроҷиат баррасӣ шуд. 9832 муроҷиат ба таври мусбат ва 6561 муроҷиат бо пешниҳоди шарҳ ва машварати ҳуқуқӣ ҳаллу фасл гашт. Соли ҷорӣ бошад, дар давоми қариб шаш моҳ 26,3 ҳазор муроҷиат дида баромада, 10167 масъала аз ҷониби мутасаддиён ба таври мусбат ҳал карда шуд.

Барои фароҳам овардани шароит ва имконият пеш аз баргузории қабулҳои сайёр дар шабакаҳои иҷтимоӣ эълонҳо нашр гардида, дар бораи қабулҳо маълумоти объективӣ ва дақиқ пешниҳод карда мешавад.

Қабулҳои сайёр на танҳо барои шаҳрвандон, балки барои фаъолияти шуъбаҳои масъул низ як майдони озмоишӣ мебошанд. Зеро ҳар як саволи додашуда, ҳар як муроҷиат муносибати амалиро нишон медиҳад. Дар қабулгоҳҳо камбудиҳо, хизматрасониҳое, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ва масъалаҳои ҳалталаб, ба таври возеҳ ошкор мешаванд.

Аҳолӣ асосан дар масъалаҳои кумаки молиявӣ, бо кор таъмин шудан, газ, барқ, таъминоти об, манзил, соҳибкорӣ, тақсимоти қарз ва сохтмони роҳҳо муроҷиат мекунанд. Дар ҷараёни қабул ба дархостҳои дастҷамъонае, ки бояд зудтар ҳал карда шаванд, диққати махсус дода мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# НАҚШ ВА ТАЪСИРИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ТАЪЛИМИ МУОСИР

***Таърихи зеҳни сунъӣ ҳамоҳангии аҷиби тасаввуроти адабӣ ва талошҳои илмӣ аст. Решаҳои он ба солҳои 1940-ум мерасад. Маҳз он замон Исаак Азимов дар ҳикояи илмию тахайюлии хеш «Runaround» бори аввал «Се қонуни робототехника»-ро муаррифӣ карда буд. Ин қонунҳо баъдтар ба бисёр муҳаққиқони соҳаи робототехника ва зеҳни сунъӣ, аз ҷумла ба яке аз асосгузорони муосири зеҳни сунъӣ Марвин Минскӣ илҳом бахшиданд.***

Риёзидони британиёӣ Алан Тюринг дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бо сохтани дастгоҳи рамзкушоии «Бомба» ва ғояҳои худ дар офаридани мошинҳои «ақлнок» асос гузошт. Ӯ соли 1950 бо мақолаи машҳури худ «Мошинҳои ҳисоббарор ва зеҳнӣ» санҷиши Тюрингро пешниҳод кард. Ин меъёр то ҳол барои чен кардани зеҳни низомҳои сунъӣ истифода мешавад.

Соли 1956 истилоҳи «зеҳни сунъӣ» дар семинари тобистонаи Дартмут аз ҷониби Минскӣ ва Ҷон Маккартӣ расман ворид карда шуд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки фароҳам овардани таълими зеҳни сунъӣ ба кӯдакони синни хурдсол як зарурат аст. Сабаби асосии ин – донистани вазифаҳои асосии зеҳни сунъӣ ва тарзи истифодаи барномаҳои дар асоси он сохташуда ҳамчун қисми ҷудонашавандаи саводнокии рақамӣ дар ҷаҳони имрӯза мебошад. Дар ҷомеае, ки рӯз то рӯз ҳушмандтар мешавад, кӯдакон бояд аз аввал бо мафҳумҳои асосии зеҳни сунъӣ шинос шаванд, то дар оянда шаҳрвандони доно ва бошуур бошанд. Албатта омӯзиши мафҳумҳои вобаста ба зеҳни сунъӣ бояд мутобиқи синну сол ва сатҳи дарки ақлии кӯдакон амалӣ шавад.

Муҳаққиқон бар онанд, ки татбиқсозии зеҳни сунъӣ метавонад ба баланд бардоштани сифати таълим, беҳбуди раванди таълиму омӯзиш таъсири мусбат расонад. Онҳо таъкид мекунанд, ки зеҳни сунъӣ бо истифода аз таҳлили маълумот ва алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ қодир аст ниёзҳои беназири ҳар як хонандаро муайян, муҳтаво ва самти таълими инфиродиро пешниҳод кунад. Ин технология метавонад бо муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи хонандагон ва пешниҳоди фаврии фикру мулоҳизаҳо раванди омӯзишро низ самаранoктар гардонад.

Умуман татбиқсозии зеҳни сунъӣ на фақат сифати таълим ва арзёбиро баланд мебардорад, балки дар эҷоди таҷрибаи инноватсионии омӯзиш, ки барои ниёзҳои шахсии ҳар як хонанда мувофиқ аст, нақши муҳим мебозад. Ҳарчанд зеҳни сунъӣ наметавонад инсонро пурра иваз кунад, қодир аст раванди арзёбиро бо дақиқии наздик ба инсон анҷом диҳад. Азбаски омӯзгорон на ҳамеша дастрас буда, хонандагон ба роҳнамоии доимӣ ниёз доранд, истифодаи мураббиёни зеҳни сунъӣ метавонад роҳи ҳалли самарабахш бошад – ба хусус барои хонандагоне, ки изтироби иҷтимоӣ ё академӣ доранд, ин технология метавонад кӯмаки таълимии доимӣ ва бидуни стрессро фароҳам оварад.

Зеҳни сунъӣ бо тақвиятдиҳии таълими фосилавӣ ва таъминсозии дастрасии ҷаҳонӣ ба сарчашмаҳои омӯзиш адолати таълимиро баланд мебардорад. Аз ҷониби дигар, самаранокии кори омӯзандагон низ беҳтар мешавад, зеро он метавонад самтҳои омӯзишро ба сатҳ, услуб ва қобилияти ҳар як шахс мутобиқ созад. Зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф ба профессорон воситаҳоеро пешниҳод мекунад, ки таҳлили дақиқтари маълумоти донишҷӯён, пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои мақсаднок ва осон кардани тарҳрезии машқҳоро имконпазир месозанд.

Ба тарзи хулоса метавон гуфт, ки зеҳни сунъӣ яке аз дастовардҳои муҳими замони муосир буда, дар рушди соҳаи маориф нақши назаррас дорад.

**Фаридун АСЛОНОВ,**
**магистранти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**



*Ноҳияи Чусти вилояти Намангон ҳудудест, ки бобати кишоварзӣ, хусусан, картошкапарварӣ дар мамлакатамон таҷрибаи ба худ хос дорад. Дар 15-то маҳаллаи ноҳия картошкапарварӣ ба сифати самти асосӣ равнақ ёфта, айни замон 5 ҳазору 295 хонадонҳо дар рӯиндаричаи худ картошка кишт менамоянд. Деҳқонон аз ҳар даҳ сотих ба ҳисоби миёна 4-5 тонна ҳосил мерӯёнонанд.*

*Деҳаи Ғова, ки дар доманаи кӯҳҳои Қурама ҷой гирифтааст, аз маркази вилоят 60 км дурӣ дорад. Аҳолии деҳа бо меҳнатдӯстӣ ва омилкории худ ном баровардааст. Картошкаи дар ин ҷо парваришёфта баробари бозори дохилӣ ба содирот низ баровардa мешавад.*

***Дар сурат:** картошкапарварон дар сари кишт.*

***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# ҲАЛЛИ МУРОҶИАТҲО

## *ба некӯаҳволии аҳолӣ хидмат мекунад*

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Масалан, бар асоси дархосте, ки зимни қабули сайёри сардори идораи роҳҳои автомобилгарди вилояти Намангон пешниҳод шуда буд, барои назорат кардани ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар масофаи 8-9 километри роҳи автомобилгард дар ноҳияи Чуст самти «Чуст – Ахча» ва дар ноҳияи Поп дар самти «Маданият – Поп» камераи махсуси назоратӣ насб карда шуд. Дар натиҷа, бехатарии роҳ таъмин гардида, барои ҳаракати озоди нақлиёту шаҳрвандон шароити зарурӣ фароҳам оварда шуд.

Пештар бо иштироки ҳокими ноҳияи Тӯрақӯрғон Шералӣ Қосимов қабули сайёри навбатӣ дар маҳаллаи Темирқишлоқ баргузор гардида буд.

Сокинони маҳалла дар бораи якчанд мушкилот ба роҳбари ноҳия муроҷиат намуданд. Дар ин ҷо мушкилоти об солҳо боз вуҷуд дорад. Зироати қитъаҳои заминро обёрӣ кардан лозим. Ба ин масъала роҳбари ноҳия фикри худро баён карда гуфт, ки дар асоси барномаҳо имсол барои табдил додани «маҳаллаҳо дар симои Ӯзбекистони Нав» ба ду маҳалла 5 миллиард сӯмӣ ва барои чор маҳаллаи дигар 3 миллиард сӯмӣ маблағ ҷудо карда шудааст. Барои сокинони маҳалла аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, таъминоти об иҷро мешавад ва ба як гурӯҳ кормандони соҳа барои ҳалли ин масъала вазифаҳо дода шуд. Дар давоми қабул масъалаҳои васеъ намудани ташкилотҳои таълимии томактабии ғайриҳукуматӣ ва шарикии давлатӣ ва хусусӣ, сохтмони биноҳои иловагии таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти замонавии таълимӣ баррасӣ шуданд. Ба масъалаҳои дастгирии иҷтимоӣ ва фаъолияти касбии омӯзгорон низ аҳамият дода шуд.

Аксари муроҷиатҳо дар ҷояш бо иштироки масъулони вазорат ва роҳбарони минтақавӣ пурра баррасӣ шуда, роҳҳои ҳалли амалӣ пайдо шуданд.

Хулоса карда гуфтан мумкин аст, ки қабулҳои сайёр имкон медиҳад, мушкилоти аҳолӣ дар ҷои худ, зуд ва самаранок ҳал карда шаванд. Ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо вазифаҳо дода шуд, ки мушкилоти ҷамъшударо бартараф кунанду аҳолӣ аз ҳукумат розӣ шавад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

*Муосирони мо*

# ҲАФТОДИ ПУРФАЙЗУ ШИРИН

*Ақл комил мешавад аз гарму сарди рӯзгор,*
*Обу оташ мекунад соҳиббуриш шамшерро.*

Албатта ин ақидаҳои шоирро ба зиндагиномаи қаҳрамони лавҳаамон, яке аз тадбиркорони шинохтаи ноҳия ва берун аз вилоят, марди хушсухан, инсони фидоию дастфарох, асалпарвари машҳури девайронӣ Асалбек Миртазобеков нисбат диҳем, иштибоҳе нахоҳем кард. Асалбек баъди хатми мактаб он орзуву ниятҳои дилашро, яъне соҳибмаълумот гаштанро бо тақозои вазъи оилавӣ ба пешаи ронандагӣ иваз намуда, баъди адои хизмати ҳарбӣ дар хоҷагии давлатии Сӯх ронанда шуд. Кордӯст, ки буд, ба кор маҳкам часпид ва дар муддати кӯтоҳ сазовори боварии ҳамкорон гашт. Ин аст, ки дере нагузашта Асалбекро ба обанбори Сӯх ба кор даъват намуданд, ки он ҷо ӯ дар вазифаи сардори бригадаи ҷавонон ифои вазифа намуд ва ӯро ҳамеша зафару муваффақиятҳо аз дунбол буд. Ин аст, ки мардум ӯро депутати Шӯрои маҳалла интихоб карда, бисёр хушнуд гаштанд. Зеро ӯ дастфарох, ҷояш ояд, барои ободии маҳалла аз сарф заррае намеҳаросид. Ёду ҳуши ӯ дар хизмати халқ ва корҳои хайр буд ва дере нагузашта, дар масофаи 2 километр қубур хобонда, сокинони кӯчаи Ветерани ҳамонвақтаро бо об таъмин намуд, кӯчаҳо тавассути давутози ӯ мумфарш ва чароғон гашт. Ба замми меҳнати софдилона ба ҳамдиёрон туфайли лафзи ширину ёрии беминнаташ ба дили онҳо роҳ ёфт ва мағзи ин байти зебои Мавлои Балх:

*«Дил ба даст овар,*
*ки Ҳаҷҷи Акбар аст,*
*Аз ҳазорон Каъба як*
*дил беҳтар аст»*-ро

дар замираш ҷойгир намуд. Ин ҷо дар рӯзномахонон суоле пайдо шуданаш мумкин, ки ин қадар сарфу харҷ ба як ронандаи одӣ оё душворӣ намеорад? Аммо Асалбеки кордӯст заррае вақташро беҳуда намегузаронад. Гуфтанист, ки ӯ хоҷагии ёрирасон дошту дар вай занбӯри асал парвариш мекард, ки ин пеша ба ӯ мероси бузургвораш буд. Ин ҷо хонандаи закӣ бояд фаҳмад, ки чаро падару модар ӯро Асалбек исм ниҳодаанд. Панҷоҳ сол инҷониб ба шуғли бобоӣ машғул асту ҳаёташ чун асал ширин аст. Бояд гӯем, ки ҳоло қаҳрамони лавҳаи мо соле аз 7 то 10 тонна асали табиӣ гирифта, ба муассисаҳои томактабию мактабӣ, ниёзмандон тақсим менамояд. Он сон ки бузургон гуфтаанд «кори савоб мисли дарахти мевадор аст, ҳатман меваашро мебинӣ» ва Асалбек албатта меваи корашро дида истодааст.

Баъди он, ки барои соҳибкорон роҳи васеъ кушода шуд, Асалбек Миртазобеков хоҷагии фермерии хусусии оилавии боғдорию занбӯриасалпарвариро ташкил карда, теъдоди қуттиҳоро зиёд кард, байни ҳамдиёрон тарғиботи ин пешаро намуд, ки имрӯзҳо дар маҳалла сафи ҳампешагон зиёд гаштаанд. Худи Асалбек аз ҳисоби фоидааш ба кӯдакистонҳои Девайрону Умбара, мактабҳои рақами 14 ва 17-ум, ба шифохонаи маркази ноҳия барои ободонӣ 50 млн. сӯм ҳадя намуд. Ҳар сол ба кӯдакистону мактабҳои деҳа ҳезум ва асали тоза дода меистад. Соли 2014 ба қисми ҳарбӣ ба масофаи 2 км об кашида, муаммои обро ҳал намуд. Бояд гуфт, ки вай инсони соҳибфарҳанг низ буда, тавассути ҳомигии ӯ китоби олим Ӯрунбой Сӯфиев «Девайрон андар Сӯхи бостон» рӯи чопро дид. Ташкили музейи кишваршиносӣ дар мактаби 17 низ аз амалҳои ибратбахши ӯст. Инчунин барои талабагони аълохон ба миқдори 50 ҳазорӣ ҳамасола стипендияҳояш низ канда нест. Дарвоқеъ, Асалбек Миртазобеков 8 сол инҷониб ба донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Фарғона оиди сирру асрори асалпарварӣ маърӯза мехонад, ба шогирдон ин пешаро меомӯзонад, ки имрӯз сафи онҳо наздик ба 300 нафар расидааст. Ногуфта намонад, ҷевони китобҳои ӯро ғайр аз китоб ифтихорномаҳои ноҳиявию вилоятӣ зеб медиҳаду сари синаи ин инсони дастфарохро ордени «Дӯстӣ», медалу нишонҳои сарисинагӣ оро медиҳад.

Дар айни ҳол, баҳри иҷрои қарори Президент «Дар бораи ҷораву тадбирҳои рушди занбӯриасалпарварӣ дар ҷумҳурӣ» меҳнат мекунад ва туфайли маслиҳатҳои судбахши ӯ имрӯзҳо дар ҶШМ-ҳои Қалъача, Ровон, Ленбур, Девайрон, Тӯл ва ғайра садҳо сокинони маҳалҳо ба парвариши занбӯри асал машғуланд.

Имрӯз Асалбек Миртазобеков 70-сола шуд, аммо ба назар бисёр ҷавон метобад. Ҳанӯз розҳояш ба занбӯрон канда несту аз чунин рӯзҳои босаодату амали некаш шукронаҳо мехонад...

**Баҳриддин ТОҶИДДИНОВ,**
**Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ» — ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ НАВИ РУШДИ ҚӮҚАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**





– Ин мавзеъ, ки ҳоло ба шаҳри мо шукӯҳи нав зам намудааст, бо ташаббуси роҳбари давлатамон сохта шудааст. Таъмини аҳолӣ бо манзил барои ҳар як ҷомеа масъалаи одӣ нест, балки яке аз омилҳои муҳимтарини муайянкунандаи суботи дохилӣ ваояндаи он аст.

Зеро хона танҳо паноҳгоҳ нест. Ин ҷоест, ки инсон худро дар амният ҳис мекунад, такягоҳе, ки аз он ба фардо бо боварӣ менигарад, пояи мустаҳками оила ва оянда аст. Аз ин рӯ, масъалаи манзил ҳеч гоҳ танҳо дар чаҳорчӯбаи сохтмон ё иқтисодиёт намемонад.

Он ҳамеша маънои васеътар дорад ва бо суботи иҷтимоӣ, тавозун дар ҷомеа ва сифати ҳаёти инсон зич алоқаманд аст. Дар ҷое, ки сиёсати манзил мунтазам амалӣ мешавад, ҷомеа ором аст ва одамон бо эътимод ба оянда зиндагӣ мекунанд. Он макони навест дар қаламрави шаҳри мо, ки сокинони зиёди ба он кӯчидаро хеле шоду мамнун гардонид. Бидуни муболиға, ин макони нави будубош рӯз аз рӯз намои зеботар гирифта, ба як макони сарсабзу хуррам табдил меёбад, – ба сухан оғоз намуд масъули дафтари матбуоти ҳокимияти шаҳр Улуғбек Норбоев.

Дар айни ҳол байни биноҳои истиқомативу иншоотҳо чунин хиёбонҳои гулкоришудаву сарсабзу хуррамро мебинед, ки онро дарахтони ороишӣ низ бештар шукӯҳ мебахшанд.

Маълум шуд, ки ширкати хидматрасонии идоракунандаи навтаъсис масъули обёрӣ ва нигоҳубини ҳамаи ин растаниву дарахтон мебошад. Ҳамчунин, ба нақша гирифта шудааст, ки аҳолӣ шабонарӯз аз дигар намуди хизматрасониҳо низ бархурдор бошанд.

Дар ҳақиқат мавзеи нави шаҳр ҳамчун маркази муосире ташаккул меёбад, ки дар тағйир додани симои иқтисодӣ ва иҷтимоии он хизмати хосеро анҷом хоҳад дод. Ба ҳар сурат, бо дарназардошти он ки дар ин шаҳр зичии баланди аҳолӣ эҳсос мегардад, талабот ба манзили зист меафзояд. Тамоми корҳои сохтумону бозсозӣ бо истифода аз роҳҳои муосиру замонавӣ сурат мегиранд.

Аз ибтидо дар ин лоиҳа равиши ҳамаҷониба интихоб карда шудааст. Яъне, ҳадаф дар ин ҷо на танҳо сохтани хонаҳо, балки фароҳам овардани муҳити пурраи зиндагӣ мебошад, ки дар он ҳамаи унсурҳои зарурии инфрасохтор пешакӣ бодиққат ба нақша гирифта шудаанд. Интихоби қаламрав низ аҳамияти асосӣ дорад.

Дарвоқеъ, ҷанбаи муҳимтарин дар ин ҷо на шумораи объектҳо, балки ҳамоҳангии функсионалии онҳост. Якҷоя кардани мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва савдо, таваққуфгоҳҳо ва минтақаҳои фароғатӣ ин минтақаро ба як шаҳри муосир ва худкифо табдил медиҳад. Акнун Хӯқанди латиф чунин намуди муосирро ба худ мегирад ва ба марҳилаи нави рушд ворид мешавад, мероси таърихӣ ва пешрафти муосирро муттаҳид мекунад.

– Мавзеи «Ӯзбекистони Нав» дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Азизтеппа»-и ин шаҳр бунёд гардида, майдони он 34 гектар мебошад. Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ барои сохтмон 1,85 триллион сӯмро ташкил медиҳад, – иброз дошт Улуғбек Норбоев.

Ба гуфтаи ҳамсуҳбати мо дар ҳамин ҳол марҳилаи аввали татбиқи лоиҳа ба анҷом расидааст ва 56 бинои даҳошёна бо 4 ҳазору 394 хона мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Улуғбек Норбоев дар идома боз тазаккур дод, онҳое, ки соҳиби манзили ботаъмиру хушсохт ва зебо мешаванд, то 20 сол бо пардохти аввалияи 35 фоизӣ қимати онро мепардозанд, ки меъёри солонаи он танҳо 16 фоизи ҳаҷми умумии онро ташкил мекунад.

– Мавзеи нав, бешубҳа, симои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаро куллан тағйир медиҳад, на танҳо ҳамчун як маҷмааи манзилӣ, балки ҳамчун як маркази муосир ташаккул хоҳад ёфт. Қӯқанд ҳамеша яке аз шаҳрҳое буд, ки аҳолии зич ва соҳибкории рушдёфта дошт. Аз ин рӯ, талабот ба манзил дар ин ҷо ҳар сол афзоиш меёбад. Инфрасохтори кӯҳна ва фазои маҳдуди зиндагӣ густариши шаҳрро дар асоси нав тақозо мекунад ва ҳоло бо дарназардошти ҳамин хонаҳои наву шинам ва зебо соҳибони худро истиқбол мегиранд, – гуфт бо хушҳолӣ У. Норбоев.

Бо такя бо хабарҳои расмӣ ёдовар мешавем, ки Президенти мамлакат зимни ташриф ба вилояти Фарғона боздидҳоро маҳз аз шаҳри куҳани Қӯқанд шурӯъ намуд ва бо шароите ошно шуд, ки мардум дар чӣ ҳолу аҳвол зиндагӣ мекунанд. Ҳатто вай дар яке аз хонаҳо меҳмон шуд ва аз шароити фароҳамовардашуда ибрози қаноатмандӣ кард. Дар баробари ин Сарвари давлат аҳамияти иҷтимоии лоиҳаро таъкид карда, афзуд, ки маҳаллаҳои нави манзилӣ на танҳо барои беҳтар кардани шароити будубош, балки барои ташаккули фарҳанги муосири зиндагӣ низ хизмат хоҳанд кард.

Қобили ёдоварист, ки баъди судури қарори Президент «Дар бораи баргузории Ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандӣ» таҳти шафеъгарии ЮНЕСКО бори сеюм аст, ки чунин ҷашнвора дар ин шаҳр баргузор гардид. Бори охир ин шаҳр ба Ҷашнвораи III байналмилалии ҳунармандӣ 19-21 сентябри соли гузашта мизбонӣ намудааст. Маҳз ба ҳамин муносибат ҷойҳои дигари Қӯқанд, кӯчаву хиёбонҳо, намои берунии биноҳои истиқомативу иншоотҳои маъмурӣ ва амсоли он намои тоза касб намудааст.

Дарвоқеъ, баъди натиҷагириҳо маълум шудааст, ки маҷрои сайёҳони хориҷӣ ба шаҳр дар ин давр то ба 10 маротиба афзоиш ёфтааст. Барои ҳамин вазъият тақозо менамояд, ки шумори меҳмонхонаҳову хостелҳои муҷаҳҳазу замонавиро бояд дар ин шаҳр боз ҳам афзоиш дод ва аз ин ҳисоб ба иқтисоди шаҳр даромади иловагӣ зам намуд.

– Меҳмононе, ки ҳатто як сол пеш аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Фарғона, аз ҷумла, аз шаҳри Қӯқанд боздид кардаанд, баъди тамошову муқоисаи манзараҳои он ангушти ҳайрат мегазанд. Ин ба он маънист, ки сохтмонҳои зиёд анҷом дода шудаанд, роҳҳо васеътару равонтар шудаанд, иншоотҳои наву замонавӣ ба шукӯҳи шаҳр шукӯҳи иловагӣ зам намудаанд, – мегӯяд Улуғбек Норбоев.

Дар ин миён қайд бояд кард, ки вилояти Фарғона барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ хеле минтақаи ҷолиб ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин соли сипаришуда сармоягузорони сӣ кишвар маҳз ба ин вилоят таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Маблағи умумии аз ин ҳисоб воридшуда ҳудуди 2 миллиарду 74 миллион доллари америкоиро ташкил мекунад. Дар ин самт Чин, Русия, Туркия, Сингапур ва Таиланд саҳми бештар гузоштаанд.

Бино ба хабари манбаъҳои расмӣ, дар соли равон беш аз 30 кишвар дар татбиқи лоиҳаҳо бо сармояҳои худ ширкат хоҳанд кард. Чин (7,4 миллиард доллар), Туркия (746 миллион доллар), Русия (445 миллион доллар), Қатар (200 миллион доллар), Канада (35 миллион доллар) ва амсоли он аз ҳамин шумор мебошанд. Мусаллам аст, ки аз ҳисоби ҳаҷми умумии маблағи воридшуда барои бунёди як қисми иншоотҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ истифода сурат хоҳад гирифт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ЗИНДАГӢ КИТОБЕСТ НОНАВИШТА...

## Ё СУХАНЕ ЧАНД ПЕРОМУНИ КИТОБИ «ДАР ОРЗУИ РӮШНОӢ»-И ШАРИФ ХАЛИЛ

Зиндагӣ худ китобест нонавиштаву нохонда. Барои навиштану хондани он кӣ заҳмат мекашад? Албатта, нависанда. Замоне тилфонҳои вақткушак набуданд, мо саргарми китобхонӣ будем. Дар ду-се рӯз як китоби ҳикоя, қисса (повест) ё романро хонда тамом мекардем. Баъзан як китобро аз сари шавқу завқ дубора мехондем.

20-уми майи соли 2025 журналист ва нависанда Шариф Халил дар ҷашни солгарди шоири зиндаёди тоҷик устод Лоиқ Шералӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз баргузор кардем, иштирок карда ба мо китоби нави худро бо номи «Дар орзуи рӯшноӣ» туҳфа кард. Номи китоб диққати маро ба худ ҷалб кард.

Қиссаву ҳикоя ва очеркҳои онро мехонеду ҳадафу мақсади нависандаро дар мобайн ё охир пай мебаред, ки чист. Чун дақиқтар хонда дарк менамоеду мазмуну муҳтавояшро мефаҳмед, баъд лаззату таъми суханони нависандаро ҳис мекунед.

Ба ҳар ҳол чунин тарзи нигоришро бояд тадқиқи домнадоре кард ва ба ҳусну қубҳаш баҳои ҳаққонӣ дод. Умедворем, ки мунаққидони наср минбаъд ба ин ҷиҳати масъала бештар аҳамият медиҳанд.

Китоби тозанашри нависанда бо қиссаи «Дар як шаби боронӣ» оғоз шудааст. Дар ин қисса нигоранда бо воситаи суҳбату хархашаи якшабаи зану шавҳар воқеаи тамоми ҳаёти онҳоро, ки хеле пурпечутобу баъзан дар домани шириниҳо ва баъзан хеле талх гузаштааст, нақл мекунад. Ин воқеа дар замони пошхӯрии давлати абарқудрати Шуравӣ ва истиқлол ёфтани ҷумҳуриҳои тобеи он рух додааст. Қаҳрамони қисса Ҳамдам ном чӯпоне аз заифии давлати навакак истиқлолёфта ва шароити мусоиди пешомада истифода карда, бо шариконаш моли колхозро тороҷ мекунанд. Касофати он ба писараш мезанад. Вай аз кадом камари кӯҳ парида ҷон ба ҷонофарин месупорад ва модараш Баҳора ба дарду ғам гирифтор мешавад. Баҳсу мунозираи зану шавҳар то субҳ давом мекунад. Онҳо ҳаёти чандинсолаи худро тагурӯ мекунанд. Хуллас, адиб мехоҳад, ки бо тасвири саргузашти Ҳамдами шубон масъалаи ҳарому ҳалолро, ки мо – инсонҳо баъзан дониста фаромӯш мекунем, ба домани баҳс кашад.

Нависанда дар қиссаи мазкур нақл мекунад, ки вақти саҳар ягона фарзанди Ҳамдаму Баҳора Гуландоми хурдакак, ки дар хоби ноз буд, аз гурба тарсида ба гиря медарояд. Ҳамдами ба васваса афтода аз тарси он, ки ин фарзандашро ҳам аз даст надиҳад, шиками гурбаро бо шохаи нӯгтез шикофкунон мекушад ва ифтихормандона онро ба рӯйи ҳавлӣ мегузорад, гӯё ки он нишонаи ғалабаи ӯ бошад. Аммо дар асл матлаби нависандаи жарфбин бо ин роҳ мағлубият ва бадбахтии қаҳрамонро нишон додан аст. Ин як ҳолат ва воқеаи мудҳишест, ки дар ҳаёти инсонҳо ҳама вақт рух доданаш мумкин аст. Агарчанде ки Ҳамдамчӯпон аз кардаҳои худ пушаймон шуда бошад ҳам, аммо суде намекунад. Ӯ 100 сар гӯсфандро дар ҷойи дурдасте пинҳон нигоҳ медошту умед мекард, ки дар вақти зарурат барояш лозим мешаванд, яъне боз писардор мешаваду ба халқ тӯй медиҳад ва боқимондаи ҳаёташро осуда мегузаронад, аммо он моли дуздӣ ҳам насиб намекунад. Моли дуздро раҳзани дигаре мерабояду ӯ боз бенасиб мемонад. Метавон ба андеша рафт, ки ин қиссаро ҳар фарде агар хонад, аз кору кирдорҳои Ҳамдамчӯпон ба хулоса омада, барои тарбия намудани худ ҳаракат менамояд ва ба моли мардуму мулки давлат хиёнат накарда, роҳи ҳаққу ҳалоли зиндагиро пешаи худ месозад. Аммо муаммо ин аст, ки чӣ тавр ба Ҳамдамчӯпон барин инсонҳо китоб хонондан мумкин аст, ки дар замони имрӯза тоифаҳои китобхонҳои мо ҳам аз китобу рӯзномахонӣ рӯ гардонда истодаанд?!

Дар китоби «Дар орзуи рӯшноӣ»-и Шариф Халил аз рӯйи мундариҷа, баъд аз қиссаи номбаршуда, ҳикояҳо омадааст. Дар ин фасл ҳикояҳои «Маро як бор модар гӯй», «Қурбони мулӯҳ», «Мазори Нинӣ», «Ангеза» ва «Ҳарза» ҷой гирифтаанд. Ин ҳикояҳо низ бофтаҳои хаёлӣ набуда аз бардоштҳои нависанда, ки дар муддати чандин соли ҳаёташ дидаву шунидааст, офарида шудаанд. Ҳикояҳоро мехонеду ба заминаи ҳаётӣ доштани воқеаҳо амин мешавед. Ин ҳикояҳо низ бо табъу завқи баланд навишта шуда, хонандаро ба андешидану маъно чидан даъват мекунанд. Ҷараёни ҳикояҳо дар ниҳояти худ пурпечутобанд, зеро нависанда, бо баробари нақл кардани воқеаҳо, афкори файласуфонаи худро батамом дар он рехтааст, ки сарриштаи онҳоро ёфтан барои хонандаи одӣ каме душворӣ мекунад. Чунончи, таъкид шуд, лозим мешавад, ки ҳикояеро то нисф хониву барои муроду матлаби нависандаро дуруст пайдо кардан боз ба ақиб гардӣ. Ҳикояҳо бо забони софу рангини адабӣ навишта шуда дар баъзе ҷойҳо калимаҳои шевагии махсуси ҳамон маҳал низ истифода шудаанд. Ин усул ҳам хуб аст. Зеро хонанда бо забони ҳамон маҳал ошно мегардад. Устод Айнӣ ҳам аз ин усул истифода бурда, хуб таъкид карда буданд, ки вазифаи нависанда калимаҳои дурусти лаҳҷавиро аз забони халқ гирифта бояд ба забони адабӣ дохил кунад.

Маҳорати дигари нависанда аз ҳикояҳои мазкур дар он маълум мешавад, ки вай ҳар як ҳаракати хурди қаҳрамонҳояшро ҳам ба мисли як рассоми боистеъдод бодиққат тасвир кардааст. Ҳар як ҷумларо бо калимаву ибораҳои образнок ва бо воситаҳои тасвири зебову дилфиребу бадеӣ оро дода, ҳушу ёди хонандаро ҳамчун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашад.

Баъд аз ба поён расидани ҳикояҳо як қатор ҳикояҳои муъҷаз омадаанд. Ҳаҷми баъзе аз ин ҳикояҳо аз ду саҳифа, баъзе як саҳифа, баъзе ним саҳифа ва аҷиб, ки баъзе аз ду-се ҷумлаи кӯтоҳ иборатанд. Ҳикояҳо ҳарчанд хурданд, вале маъноҳои мубрами рӯз дар онҳо ифода ёфтаанд. Бале, фақат нависандаи қобилиятнок метавонад, ки дар ин гуна ҳикояҳои кӯтоҳ ҳадафашро дурусту бехато ба нишон гирад.

Дар китоб ҳамчунин лавҳа ва очеркҳо ҷой гирифтаанд. Дар ин фасл ба Истад Қосимзода (нависанда, мутарҷим ва рӯзноманигори ҳирфаӣ), Рӯзибой Қурбониён (омӯзгор, олими беунвон ва қаҳрамони бенишон), Нарзулло Худойқулов (духтур), Муҳаммадӣ Чоршанбиев (рассом), Норқул Ҷӯрақулов (фермер), Очил Йӯлдошев (омӯзгори эҷодкор, ҷоннисори маориф), Ҳошимҷон Шукуров (табиби соҳибкор ва ватандӯст), Анор Муҳаммадова (момои дарбандӣ ё духтари мактаб), Қурбонназар Ҳақназаров (осиёбони ҳафтум), Зариф Холов (ҳуқуқшинос), Раҳмонқул Расулов (устои моҳир), Хадича Назарова (ходими софдили почта), Барот Мергани Шаҳтутӣ (Наврӯзов) (деҳқон), ҳоҷӣ Холмирзо Муҳиддинов (омӯзгори асалпарвар), Саидалӣ Тошматов (соҳибкори худрӯй, устои мебелсоз) барин инсонҳои касбу корашон гуногун рӯ ба рӯ меоем.

Барои исботи фикр дар зер чанд иқтибос аз ин китоб овардан мувофиқи мақсад хоҳад буд.

### ФАРЗАНД

Модари пираш офтоби сари кӯҳ ...

Вай дар Маскав...

Парастори пиракиест.

### ЗИМИСТОНИ ГАРМ

Вақте ҷой наёфта ночор ба хонааш омадем, хунук буд... Нигоҳи ҳамшаҳрӣ!

– Рафтем, зимистон бошад ҳам, кӯча гармтар, – аз остинам кашид ҳамроҳи ман.

### БАЪД АЗ ПАНҶОҲ СОЛ

Падаре дар назъи ҷон... ба фарзандон васият кард:

– Вақте мурдам, гирйиставу ба тоҷикӣ навҳа кунед.

Навҳагаре ёфт нашуд!

### ПУШАЙМОНӢ

Мӯйи сарам нарезад гуфт ва... нахонд.

Имрӯз...

Мӯйи ғулиашро як-як меканад.

### РОҲ БА ДӮЗАХ

Худованд барои инсоният феҳрести «Гуноҳҳои кабира»-ро фиристод.

Дар сатри аввал ҳак шуда буд:

«Хиёнат ба шири Модар...!»

***

Хулоса, китоби «Дар орзуи рӯшноӣ» китобест, ки баробари моро бо ҳаёти иҷтимоӣ шинос кардан, диққатамонро ба нозукиҳои забону тасвирҳои ҷолиби бадеӣ низ мекашад.

**Ҷамшед ҶУМЪАҚУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони ДД Тирмиз.**

# НАҚШИ ҶӮРАБЕК НАЗРӢ ДАР РУШДИ ИЛМУ ФАРҲАНГ

***Дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» конференсияи байналмилалии илмӣ таҳти унвони «Нақши Ҷӯрабек Назрӣ дар рушди илм ва фарҳанги тоҷик» баргузор гардид, ки дар он намояндагони Ӯзбекистон низ ширкат намуданд.***




Конференсия бо ибтикори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба 80-умин солгарди гиромидошти Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагон, ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаққиқ, хунёгари мумтоз, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷӯрабек Назрӣ баргузор гардид.

Дар конференсия олимону муҳаққиқон, аҳли илму фарҳанг ва меҳмонон аз хориҷи кишвар оид ба саҳми назарраси Ҷӯрабек Назрӣ дар рушди илму фарҳанг суханронӣ намуданд.

Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода зикр намуд, ки таҳқиқотҳои илмии Ҷӯрабек Назрӣ манбаи муҳими илмӣ маҳсуб мешаванд.

Хидматҳои Ҷӯрабек Назрӣ дар таҳқиқи адабиёти классикӣ ва мусиқии тоҷик беназир буда, ӯро дар сатҳи байналмилалӣ ҷой додаанд.

Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим сухан аз сифатҳои олии инсонии Ҷӯрабек Назрӣ намуда, иброз дошт, ки Ҷӯрабек Назрӣ баҳри ваҳдату баҳамоварии инсонҳо мекӯшид ва тарғибгари худшиносиву ватандӯстӣ буд.

Директори Муассисаи давлатии Китобхонаи миллии Тоҷикистон Лутфия Абдулхолиқзода қайд кард, ки таҳқиқотҳои илмиву адабии Ҷӯрабек Назрӣ барои илми филологияи тоҷик ғановати бузург аст. Лутфия Абдулхолиқзода ҳамчунин ёдовар шуд, ки дар Китобхонаи миллӣ даҳҳо асару рисолаҳои Ҷӯрабек Назрӣ маҳфуз буда, Китобхонаи миллии Тоҷикистон Китобномаи шарҳиҳолии Ҷӯрабек Назриро рӯйи чоп овардааст.

Академик Абдуҷаббор Раҳмонзода бо арзи сипос аз Академияи миллии илмҳо ва хонаводаи Ҷӯрабек Назрӣ барои хидматҳои шоёни хунёгари мутоз дар баргардон намудани «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ аз хатти форсӣ ба сирилик иброз дошт, ки ин амал яке аз дастовардҳои беназири Ҷӯрабек Назрӣ мебошад, зеро «Захираи Хоразмшоҳӣ» шоҳасари бебаҳои тиббӣ маҳсуб мешавад.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими пешбари илмии Институти шарқшиносии ба номи Беруни ФУ Ӯзбекистон.**

# БОЗ ЯК ПИРӮЗИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



24-28 июни соли равон дар пойтахти Қазоқистон – шаҳри Остона мусобиқаи Ҷоми ҷаҳон оид ба шашкаи садхонагӣ баргузор шуд.

Дар ин сабқати бонуфузи ҷаҳонӣ варзишгардухтари мактаби махсуси навъҳои гуногуни варзишии вилояти Сирдарё, хонандаи синфи шашуми мактаби воқеъ дар маҳаллаи Бахмалсойи ноҳияи Сайҳунобод Сабрина Бердимуродова дар самти рапид миёни духтарони аз 12 то 14-сола низ иштирок кард. Тавре ки устодаш Дилафрӯз Ортиқова иттиллоъ дод, Сабрина маҳорати хеле баланд зоҳир намуда, аз 9 бозӣ 12 хол ҷамъ оварда ва ҷойи ифтихории якумро ишғол кард. Ӯ бар рақибони пурзӯри худ аз Русия, Қазоқистон ва кишварҳои дигар пирӯз шуд.

Ғалабаи мазкур аз меҳнати ин варзишгари наврас, саъю ҳаракатҳои фидокоронаи устодон, инчунин дар кишвар аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ шудани варзишгарон ва натиҷаи ислоҳоти амалӣ дар соҳаи варзиш дарак медиҳад. Бояд гуфт, ки Сабрина аз ин пеш ҳам дар мусобиқаҳои байналхалқӣ, ки дар Туркия, Русия ва Ӯзбекистон гузаштаанд, иштирок карда, натиҷаҳои хубро ба даст оварда буд.

**Дар сурат:** *ғолиби мусобиқаи Ҷоми ҷаҳон оид ба шашкаи садхонагӣ, номзади устоди варзиш Сабрина Бердимуродова.*

# ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР РОҲИ ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН

***Дар бинои Маркази ҷавонони шаҳри Тирмиз аз силсилаи вохӯрии «Роҳбар ва ҷавонон» бо иштироки роҳбарияти Раёсати корҳои дохилии вилоят ва кормандони ҷавони соҳа баргузор гардид.***

Чорабинӣ дар доираи барномаи «Моҳи ҷавонон», ки таҳти шиори «Ӯзбекистони Навро ҷавонон месозанд!» баргузор мешавад, бино ба фармоишҳои даҳлдори Вазорати корҳои дохилӣ ва сардори Раёсати корҳои дохилии вилояти Сурхондарё ташкил карда шуд.

Дар вохӯрӣ сардори Раёсати корҳои дохилии вилоят, полковник Тимур Исмоилов суханронӣ намуда, аз таҷрибаи чандинсолаи хидмат ва зиндагии худ ёдовар шуд. Ӯ таъкид кард, ки хидмат дар мақомоти корҳои дохилӣ масъулияти баланд, садоқат ва фидокориро талаб мекунад. Ҳамзамон қайд намуд, ки ҷавонон бояд аз имкониятҳои васее, ки бо ташаббуси роҳбарияти давлат барои онҳо фароҳам оварда шудааст, самаранок истифода бурда, дар пешрафти Ватан саҳми арзандаи худро гузоранд.

Дар ҷараёни мулоқоти ошкоро ба саволҳои ҷавонон посухҳои муфассал дода шуд. Ҳамчунин ҷавонон як қатор пешниҳод ва ташаббусҳоро оид ба боз ҳам такмил додани фаъолияти низом баён карданд, ки аз ҷониби роҳбарияти мақомоти корҳои дохилӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифт.

Дар анҷоми чорабинӣ як гурӯҳ кормандони ҷавоне, ки дар фаъолияти хидматӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, тибқи фармонҳои вазири корҳои дохилӣ ва сардори Раёсати корҳои дохилии вилоят бо рутба, мукофоти пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Таъкид гардид, ки чунин вохӯриҳо барои баланд бардоштани маҳорати касбии ҷавонон, таҳкими садоқати онҳо ба қонунгузорӣ ва интизоми хидматӣ, инчунин тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ, фидокорӣ ва масъулияти баланд аҳамияти калон доранд. Зеро оянда ва пешрафти Ӯзбекистони Нав ба ҷавонони донишманд, ташаббускор ва ва меҳанпараст вобаста аст.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Маросими тантанавии ба аълохонҳо супурдани медалҳо дар маркази фарҳангии ноҳияи Сӯх баргузор гардид. Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев, намояндагони шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия, директорони мактабҳо ва падару модарони хатмкунандагон иштирок карданд.***

# БА ХАТМКУНАНДАГОН МЕДАЛ СУПУРДА ШУД

С. Саидмӯсоев ҷамъи хатмкунандагони мактабҳои ноҳияро бо дастовардҳояшон самимона табрик карда, гуфт:

– Имсол 33 мактаби миёнаи ноҳияи моро 1255 нафар хатм мекунанд. Аз ин шумор 72 нафар барои натиҷаҳои баланди таҳсилашон сазовори медалҳои тиллову нуқра дониста шуданд. Ба таври мушаххас қайд карданӣ бошем, 71 хатмкунанда бо медали тиллоӣ ва 1 хатмкунанда бо медали нуқра сарфароз гардиданд.

– Боиси шодиву сарфарозист, ки имсол ҳам дар олимпиадаи забон ва адабиёти тоҷик ғолиб дониста шудам ва ҳам соҳиби медали тилло гардидам, – мегӯяд хатмкунандаи мактаби рақами 28 Фариштамоҳ Ҳасанҷонова.

Падару модарон ва иштирокчиёни маросим хатмкунандагонро бо гулдастаҳои тару тоза табрик карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

### Ҳангоми бемориҳои асаб

Дар бемориҳои системаи асаби периферикӣ (дарди миён, фалаҷи асаби рӯй, полиневрит, неврити байни қабурға ва невралгияҳо) апитерапия, яъне табобат бо заҳри занбӯри асал, васеъ истифода бурда мешавад.

### Ҳангоми ором кардани асаб

Ҷӯшоби барги исфаноҷ ҳангоми вайрон шудани фаъолияти системаи асаб ҳамчун давои оромбахш нӯшида мешавад. Барои тайёр кардани ҷӯшоб 1 қошуқ барги резашудаи исфаноҷро дар 200 грамм об 10 дақиқа ҷӯшонида, 1 соат дам медиҳанд. Сипас соф карда, дар як рӯз 3 маротиба нимпиёлагӣ нӯшида мешавад.

### Ҳангоми шамол кашидани торҳои асаб

Ним килограмм турб, 2 қошуқ асал ва 1 қошуқ намак гирифта мешавад. Аз турб шарбат гирифта, ба он асал ва намак илова карда, меомезанд. Шарбати турби ғанишударо ҳамчун воситаи бартарафкунандаи дард ҳангоми бод, шамол кашидани мушак ва торҳои асаб ба ҷойи дардманд молидан натиҷаи хуб медиҳад. Агар ба ин шарбати шифобахш каме спирти тиббии суст илова карда, омехта истифода баранд, пӯсти шарбат молида гарм шуда, гардиши хун дар он ҷойҳо беҳтар гардида, дард зуд бартараф мешавад.

### Ҳангоми диққи нафас (астма)

Кунҷит барои астма фоида дорад.

Дар атеросклероз

Ба ним қошуқ оби сирпиёз ним истикон шири буз ҳамроҳ карда, ҳар рӯз вақти таоми саҳарӣ нӯшидан лозим аст.

### Барои зиёд кардани ақл

Мағзи бодомро кӯфта, бо шакар ё асал омехта, мунтазам истеъмол намудан барои асаб фоиданок буда, мағзи сарро қувват мебахшад, ақлро зиёд ва фикрро равшан мекунад.

### Барои сайқал додани ақл

Ҳангоми давидан ҳамаи мушакҳо якҷоя кор мекунанд, гардиши хун беҳтар шуда, таъмини организм бо оксиген хуб мегардад. Инчунин, маҳз ҳангоми давидан дар мағзи сар моддаи серотонин ҳосил мешавад. Ин модда хотираро беҳтар намуда, ақлро тез, баданро ҷавон мекунад.

### Ҳангоми бавосир

Дорчин бо зираи ёбоӣ якҷоя истифода шавад, дар табобати бавосир муфид аст.

### Барои фарбеҳ кардани бадан

Райҳони кӯҳӣ бо ҷурғот ё панири тару тоза хӯрда шавад, баданро фарбеҳ мекунад.

### Барои рафъи балғам

500 грамм пиёз, 400 грамм шакар, 1 литр об ва 50 грамм асалро гиред. Пиёзро реза карда, ба об андозед, сипас шакарро низ илова менамоед. Дар оташи паст тақрибан 3 соат меҷӯшонед. Пас аз хунук шудан, ба он асалро ҳамроҳ мекунед. Ба зарфи шишагӣ андохта, даҳонашро маҳкам мепӯшонед. Баъд аз хӯрок 4-5 қошуқ истеъмол мекунед.

### Ҳангоми варамҳои балғамӣ

Ҳосили тару тозаи райҳони мушгӯш (сичқонкулоқ)-ро кӯфта банданд, варамҳои балғамӣ, яъне варамҳои сард ва мулоимро нест мекунад.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

***Устод ва бародари тоҷикистонии мо Абдуҷаббор Муъминов ҳар дафъаи ба Тошканд омаданаш китоб ва рӯзномаву маҷаллаҳои тоза-нашр армуғон меоварад. Раҳоварди пурарзиш! Ин дафъа дар «кӯлбор»-и ӯ «Тожикистон ҳикоялари» ном китоб низ ҷой дошт, ки маҳсули нашриёти «Янги аср авлоди»-ст (Тошканд). Ҳикоётҳи адибони тоҷикро ба ӯзбекӣ баргардондааст.***

# КИТОБДОРУ МУТАРҶИМИ ХУШТАДБИРУ КИТОБӢ



Мегӯянд дар қайдҳои дафтарчаи меҳнатиаш калимаи «китоб» чанд бор такрор шуда: ходими Раёсати савдои китоби «Тоҷиккитоб», директори шабакаҳои китоби «Тоҷиккитоб», мудири шуъбаи тақсимоти китоби Тоҷикистон, сардори Раёсати савдои китоби шаҳри Душанбе, муовини аввали сардори Раёсати савдои китоби Тоҷикистон.

Ба идораҳои гуногуни китоб, ки ӯ кор мекард, шоиру нависандагон, аз ҷумла кормандони рӯзномаи «Совет Тожикистони» бисёр ташриф меоварданд. Бо эҷодкорон Маҳмудҷон Остонов, Маҳмуд Тӯлқин, Ӯлмас Ҷамол, Қосим Мамаҷон, Ҷамолиддин Тошматов, Шодӣ Саттор, Ҷамшед Примов, Зайниддин Дӯстматов ва дигарон дӯстиамон ҳамин тавр оғоз ёфта буд, ба хотир меоварад вай. Баъдтар худи ӯ ба олами эҷод пайваст. Бо мурури солҳо пайвандиаш ба адабиёт мустаҳкамӣ касб намуд. Дар солҳои аввал хабар ва лавҳаҳои хурд менавишт. Баъдтар ба иншои мақолаҳои публитсистӣ гузашт.

Майли ӯ ба тарҷумонӣ чӣ тавр оғоз ёфт?

Боре аз идораи «Совет Тожикистони» Маҳмудҷон Остонов занг зад ва гуфт Абдуҷаббор, шумо дар байни китобҳоед, ба наздикӣ дар Тоҷикистон Ҳафтавори адабиёти арман баргузор мегардад, хуб мешуд аз чанде адибони арман ҳикояҳо тарҷума кунед, то он рӯзҳо эълон намоем.

Абдуҷабборака «ӯҳда мекарда бошам?», даҳон кушод бо андак хиҷолат. «Метавонед!» – шунида шуд аз он тарафи сим.

М. Остонов ба ӯ қувваю илҳом бахшид. Дар арафаи Даҳа тарҷимаҳо ба чоп омода шуданд.

Робитаи мавсуф ба идораи рӯзномае, ки зикр гашт, торафт мустаҳкам мешуд.

Моҳи январи соли 1971 ба вай супориш доданд бегоҳӣ ба панорамаи ба номи Ҷомӣ (яке аз калонтарин кинотеатрҳо дар Душанбе) рафта, дар консерти Ҳофизи мардумии Ӯзбекистон Фахриддин Умаров иштирок ва то пагоҳ дар ин бора мақола омода намояд. Рафт, ба хонаи паси саҳна ворид гашт. Ба Умаров шинос намуданд. Бо супориши вай ба Муъминов аз қатори пеши толор ҷо ҷудо карданд. Консерт хеле марокнок сурат гирифт. Баъди консерт худи ҳамон шаб барои шумораи фардо мавод омода сохт.

– Бо овозхонҳои шинохта Олмахон Ҳайитова, Қувондиқ Искандаров, Комилҷон Баротов, Тоҷиддин Муродов вохӯрда лавҳа ва мақолаҳо чоп кунонданам ҳанӯз дар лавҳаи хотирам нақш бастааст, – мегӯяд Абдуҷаббор.

Солҳое, ки чун муовини якуми Раёсати савдои китоби ҷумҳурӣ адои вазифа дошт, дар масъалаи чопи китобҳои ходимони эҷодии «Совет Тожикистони» низ Муъминов то ҳадди имкон дасти ёрӣ дароз мекард. Масалан, таҳти дастгирии ӯ «Эҳсос» ном маҷмӯаи шеърҳои Ӯлмас Ҷамол бо 10 ҳазор нусха аз чоп баромад. Адади калон, дар навбати аввал, муаллифро мутаҳаййир сохт. Вай ноҳинҷор ба ҳузураш даромад ва гуфт сахт хиҷолатам, охир, тиражи ғайричашмдошт, адибони дигар чӣ мегӯянд?

Абдуҷабборака ӯро ором сохт, гуфт бовар ҳаст ҳамааш ба фурӯш равад, нақша дорем ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ бифиристем.

Китобҳои дигар адибони ӯзбекзабони Тоҷикистон – Ҳоҷӣ Содиқ, Маҳмуд Тӯлқин, Ҷамолиддин Тошматов, Шодӣ Саттор, Ҷамшед Примов низ он солҳо пайи ҳам ба дасти хонандагон расиданд.

Соли 1998 Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон дар Ӯзбекистон баргузор гашт. Ӯлмас Ҷамол, Ҷамолиддин Тошматов ва Абдуҷаббор Муъминов ҳамчун намояндаи рӯзномаи «Халқ овози» (собиқ «Совет Тожикистони») иштирок намуданд. Аз чорабиниҳои фарҳангӣ дар Тошканд, ки хотирмон сурат гирифтанд, онҳо як ҷаҳон таассурот бардоштанд. Кадоме хабар дод собиқ ходими «Халқ овози» Шералӣ Сокин бистарӣ аст. Ҳарсе ба манзили дӯсти ҳамқаламашон, ки дар мавзеи Чилонзор мезист, ба аёдат рафтанд. Бемор дар ҷои дарозкашидааш бародарони тоҷикистониашро як-як ба бар кашид. Вай дар ҳолати ҳаяҷон оби дидаашро нигоҳ дошта наметавонист.

Дӯстони ҳамқаламаш мегӯянд, Абдуҷаббор Муъминов инсони хеле баоқибат аст. Вақте ба Тошканд омад, ҳатман ҳамдиёр ва ҳамзабонҳояшро, ки дар Тошканд ба сар мебаранд, ҳамчунин соҳибқаламҳои ӯзбекистониеро, ки замонҳое дар Душанбе кору эҷод карда, ба ватан баргаштаанд, хабар мегирад. Чанд даҳсола пештар низ, ӯ, ки омад, дар ягон манзил ёрон ҷамъ мешуданд. Зайниддин Дӯстматов, Солеҳ Қаҳҳоров, Аскар Маҳкам, Шоййм Бӯтаев ва дигаронро давлати дидор фараҳмандӣ мебахшид. Афсӯс, баъзе аз ин нафарон ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд.

Хатмкардаи Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аз давлат ва бахти оилавӣ низ бархурдор. Соли 1971 ӯву Туҳфахон Отамуродова, ки дар Институти тиббӣ мехонд, оила барпо карданд. Худо чаҳор фарзанд дод. Духтарону писарон – Шоира, Зулфия, Шуҳрат ва Шарифҷон соҳиби маълумоти олӣ. Ҳар яке имрӯз дар ҷамъият мавқеи худ дарёфтаанд.

Абдуҷаббор мутарҷими хушсалиқа аст. Романи Ҷалол Икромӣ ва Ҳабибулло Назаров «Саргузаштҳои Сафармахсум», қиссаи Ҷалол Икромӣ «Аз Маскав чӣ овардӣ?», повестҳои Юсуф Акобиров «Қиссаҳои ҷавонии ман», қиссаи Сорбон «Ҷӯгӣ», қиссаи Б. Маҳмадов «Умре чун чароғак»-ро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст. «Антологияи насри замонавии ӯзбек» таҳти тарҷумаи ӯ аз тариқи нашриёти «Адабиёт» (Ӯзбекистон) рӯйи нашр дид.

Хидматҳои шоёни Аълочии матбуоти Иттиҳоди Шӯравӣ Абдуҷаббор Муъминов дар равнақи ҳаёти фарҳангӣ бо ордени «Шараф» (Тоҷикистон), медали тиллоии Бунёди сулҳи ҷаҳон ва «Ифтихорнома»-и Иттиҳодияи савдои китоби Тоҷикистон тақдир шудааст.

Мо ба корҳои китобдориву мутарҷимии узви иттифоқҳои нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Абдуҷаббор Муъминов, ки бо вуҷуди калонсолӣ аснои сафари Душанбе – Тошканд «фурӯғи субҳи доноӣ» армуғон оварда (китоббардорӣ осон нест!), дилу дидаамонро равшан месозад ва дар тарғиби адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон саҳми муносиб мегузорад, муваффақият металабем.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

*Ба ҷойи табрик*

# РАВШАНДИЛ

*Ба ту шамъи равшандилон зинда бод,*
*Бар офоқ нури ту тобанда бод!*
***Абдураҳмони ҶОМӢ.***



Гоҳо аз мушоҳидаи ҳаёти ононе, ки солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ба дунё омадаанд, дар тааҷҷуб мемонам. Чӣ қадар инсонҳои ҷонсахту сабур ва ҳамеша ҷӯёву кӯшо будаанд онҳо! Устоди меҳрубон, Журналисти шоистаи Ӯзбекистон Муайяна Хӯҷаева, ки соли 1941, дар моҳи аввали оғози ин ҷанг таваллуд шудааст, аз ҷумлаи чунин инсонҳост.

Қиблагоҳаш – Нӯъмон Ҳоҷиев моҳи ноябри соли 1942 дар муҳорибаи атрофи Сталинград (ҳоло Волгоград) қаҳрамонона ҳалок мегардад. Азми фарзанди азизаш – Муайяна шоистаи таҳсинҳост, ки дар арафаи 40-солагии Ғалаба бар фашизм якҷо бо ҳамсараш, доктори илм Ғаффор Раҳимов ва фарзандон Ғолибҷону Маҳорат ба Волгоград сафар карда, дар қабристони бародарии Майский қабри падарашро зиёрат карда омаданд. Баъдтар Муайяна Хӯҷаева дар мақолаи хеле таъсирбахши аз меҳри фарзандӣ саршор зери унвони «Омадӣ, ҷони падар?!» бо ҳасрат қайд кардааст: «Ман сурати падарамро дар хотир надорам: вақте ӯ ба дифои Ватан рафт, тифл будам. Маро дидани дидору навозишҳои ӯ насиб нашуд. Аз фронт барнагашт, ҷон нисори Ватан кард. Рафта-рафта армони тавофи хоки падар сабру қарорам рабуд...»

Ҳамин минвол журналист, фарзанди неки падар баъди хондани ному фамилияи падараш аз санги мазор идома медиҳад: »Дар чашмонам ашк ҳалқа мезад. Гӯё аз қаъри замин садои маҳбубе ба гӯшам мерасид: «Омадӣ, ҷони падар! Бовар доштам, ки ту меоӣ, интизорат будам...» Оре, ҷанг ба сари мардуми мо низ бисёр кулфат оварда буд.

Ҳар як чакидаи хотираҳои вай, ки аз саҳифаи китобҳои пурмуҳтавояш: «Матонат», «Ризвон эрур Ватан», «Тоҷи шараф», «Армуғони Васлӣ», «Бӯстони меҳр» ҷой гирифтаанд, гувоҳи қалами бурро ва садоқат ба касби дилбохтааш – рӯзноманигорӣ мебошанд. Дар зиндагиномаи ин бонуи равшандил ҳикоёти пандомӯз бисёранд. Аммо кас баъзан ҳаводиси пурандӯҳи зиндагиаш, таслимнопазириашро омӯхта, мутаассир мешавад. Оре, танҳо шахси худшиносу Худошинос ин азиятҳоро паси сар карда метавонад, танҳо чунин шахс аз ин гуна имтиҳонҳо мегузарад!

Камина бо фаъолияти журналистии мавсуф беш аз чиҳил сол боз ошноям. Солҳо дар идораи рӯзномаи маҳбубамон – «Овози тоҷик» паҳлӯ ба паҳлӯ кору эҷод кардем. Дар ин асно аз ӯ бисёр чизҳоро омӯхтам. Дар симои ӯ имрӯз ҳам сифатҳои неки як аристократ – асилзодаи самарқандиро мебинам: чашмсерию қаноатмандӣ, маданияти худдориву меҳмоннавозӣ, саховатпешагӣ, оилапарварӣ ва ғайра.

Ӯ солҳои кор дар рӯзномаи «Овози тоҷик» мавқею мақоми худро дошт. Муайянаапа зани ҷаҳонгашта аст. Ду сол дар Куба, азбаски ҳамсараш ҳамчун мутахассис он ҷо ифои вазифа дошт, зиндагӣ кардааст. Забони испаниро ҳам каму беш медонад. Мактаби олии ҳизбии Тошкандро хатм кардааст, дар Донишкадаи шарқшиносӣ осори мутафаккирони барҷастаро аз қаъри сарчашмаҳои нодири хаттӣ тадқиқ намудааст.

Муайяна Хӯҷаева бо оилааш дар мавзеи барҳавои Юнусободи Тошканд зиндагӣ дошт. Зиндагиаш хуш буд. Аммо меҳри Самарқанд ӯро ба зодгоҳ кашонд ва ба қавли Ҳофиз «Ба шаҳри худ раваму шаҳриёри худ бошам» гуфта, аз пойтахт кӯч баст. Ҳамчун хабарнигори вилоятии «Овози тоҷик» корашро идома дод. Дар Самарқанд нахустин телевизиони хусусии «СТВ» таъсис ёфту ӯро ба вазифаи дикторӣ даъват намуданд. Дар ин кору вазифа низ шоистаи эътирофу эҳтироми мардум гардид. Имрӯз шогирдонаш аз ин даргоҳи маърифату фарҳанг Холида Абдухолиқова, Шаҳло Аҳророва, Зокиру Фаррух, Дилрабо ва дигарон ҳамеша аз ҳолаш хабар мегиранд. Сармуҳаррирони рӯзномаҳои вилоятӣ Фармон Тошев ва Баҳодур Раҳмонов аз ҳолдонҳову ҳолпурсони ӯ мебошанд. Арӯс ва неберaҳо, хешу пайвандон ҳамеша такягоҳи апаи Муайяна.

Мутаассифона, сарнавишти инсон аз рӯзҳои гарон низ холӣ нест. Тавре шоири бузург Лоиқ Шералӣ фармуда: «Сад бори дунё бар дӯши дилҳо» меафтодааст. Муайяна Хӯҷаева ба тамоми сахтиҳо истодагарӣ кард. Азбаски солҳо осори шоири шинохта ва маорифпарвар Саидаҳмад Васлиро дар заминаи сарчашмаҳои хаттӣ омӯхта буд, байти зерини ӯро шиори ҳаёти худ кард, аз даргоҳи Худованди карим сабру таҳаммул хост:

*Машав ғамгин, шикасте*
*гар туро рӯзи нахуст*
*ояд,*
*Умед аз вопасин кун,*
*баски дер ояд, дуруст*
*ояд.*

Устод ҳоло дар ин соли пурбаракоту муборaки зиндагӣ узви фаъоли ҷомеаи журналистон аст, пайгирона мақолаҳои дилчасп ва ҳатто олимона менависад, ки ҳаваси кас меяд.

Дар арафаи Иди қурбон раиси Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон Шуҳрат Орифов бо чанд корманди рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба табрики ин зани оқилаву табаррук рафт.

– Умед дорем, ки устоди меҳрубон, ин хонуми соҳибсухану матинирода боз солҳои зиёд корҳои илму эҷодро давом дода, ба ҷавонони эҷодкор ибрат мегардад, – мегӯяд Ш.Орифов.

Инак, ӯро бо рӯзи мавлудаш – синни 85 шодбош мегӯем.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**узви иттифоқҳои журналистони Ӯзбекистону Тоҷикистон.**

***Дар кишвари мо рушди низоми таълими томактабӣ, таъмини таълиму тарбияи босифат ба кӯдакон ва фароҳам овардани шароити замонавӣ барои онҳо бо ташаббуси роҳбари давлатамон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян шудааст. Тавре ки Сарвари давлат таъкид кардааст, «Таҳсилоти томактабӣ марҳилаи аввал ва муҳимтарини рушди инсон аст. Шароите, ки барои кӯдакон фароҳам оварда шудааст, бузургтарин сармоягузорӣ ба оянда аст».***

# МУАССИСАИ НАВ

Дар маҳаллаи Дӯстлики ноҳияи Чуст муассисаи таълими томактабии ғайридавлатӣ, ки дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ бунёд ёфтааст, кушода шуд.

Ин муассисаи таълимии навтаъсис аз он ҷиҳат муҳим аст, ки барои таълиму тарбияи кӯдакон ва амалӣ кардани имкониятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо хизмат мекунад.

Иштирокчиёни чорабинӣ бо шароити муассисаи нав шинос шуда, ба ташаббускорон миннатдорӣ изҳор карданд.

Муассисаи таълимии томактабӣ, ки барои 200 ҷой пешбинӣ шудааст, аз ҷониби муассис Х. Мирсаидов бо қарзи имтиёзноки 2 миллиард сӯм, ки аз ҷониби давлат ҷудо карда шудааст ва 1 миллиарду 200 миллион сӯм маблағҳои шахсӣ сохта шудааст. Дар натиҷа, дар ин муассисаи таълимӣ 25 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*

*Сӯгворӣ*

# ҶАНОРИ АЗИМИ БОҒИ ИЛМ БУД



Профессори ифтихории Донишгоҳи давлатии Самарқанд, академики Академияи фанҳои Турон Неъматҷон Низомов олами фониро падруд гуфт. Ҷанори азиме аз боғи илму ирфони Самарқанд уфтод.

Неъматҷон Низомов соли 1940 дар деҳаи Мотруди ноҳияи Самарқанд дар оилаи маърифатпарвар таваллуд шудааст. Дар мактабҳои 27-уми Мотруд ва 10-уми шаҳри Самарқанд таълим гирифтааст.

Хатмкардагони ин мактабҳо одамони номдор – академику профессорҳо, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятӣ буда, дар ривоҷу равнақи илми Ӯзбекистону Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштаанд. Академикҳо Аловуддин Баҳоваддинов, Воҳид Абдуллоев, Акбар Отахӯҷаев ва чанди дигар аз ин ҷумлаанд. Доктори илмҳои физикаю математика, профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Неъматҷон Низомов низ дар қатори ана ҳамин шахсони муътабар аст.

Ӯ соли 1966 факултети физикаи Донишгоҳи давлатии Маскавро хатм карда, соли 1969 дар ҳамон ҷо рисолаи номзадӣ ва соли 1985 дар Донишгоҳи давлатии Киев рисолаи докториашро ҳимоя мекунад.

Неъматҷон Низомов муаллифи чандин рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ, як қатор ихтироъҳо буд.

Профессор Неъмат Низомов солҳои 2010 ва 2013 ду бор «Одами сол»-и ҷаҳон эътироф шуда, соли 2014 аз сафи 100 муҳандиси машҳури олам ҷой гирифтааст.

Неъматҷон Низомов дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд беш аз 55 сол кор кард, таҳти роҳбарии ӯ қариб 20 нафар шогирдон рисолаҳои номзадӣ ва се нафар рисолаҳои доктории худро ҳимоя намудаанд ва имрӯз давомдиҳандаи корҳои пуршарафи ӯ мебошанд.

Ӯ узви чандин Шӯроҳои илмӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ, мушовири Марказҳои илмӣ буд. Чандин сол мудирии кафедра ва роҳбарии лабораторияи физикаи молекулярии Донишгоҳи давлатии Самарқандро дар ӯҳда дошт.

Неъмат Низомовро ҳамчун соҳиби оилаи обрӯманд на фақат дар маҳаллаи Мотруд, балки дар тамоми Самарқанд ҳурмат мекарданд. Вай бо ҳамсараш – донишманди забондон Моҳира Асадова се писару як духтарро ба воя расонида, соҳиби маълумоти олӣ карданд, ки имрӯз беҳтарин анъанаҳои волидайни худро идома медиҳанд.

Фавти нобаҳангоми дӯст ва бародари меҳрубон, донишманди арсаи ҷаҳонӣ, ифтихори Сайқали рӯйи замин Неъматҷон Низомов дар ҳаёти илмӣ ва маърифии Самарқанд талафоти бузург мебошад.

Номи неку корҳои неки ӯ бо дастовардҳои илмияш дар таърих, дар ёди пайвандон, ҳамдиёрону ҳамсафон, шогирдону ҳамкоронаш боқӣ хоҳанд монд.

*Зиндаю ҷовид монд, ҳар кӣ*
*накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр*
*зинда кунад номро.*

Руҳаш шоду манзили охираташ обод бодо...

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
**профессор.**
*САМАРҚАНД.*

*Машъалони маориф*

# САРВАРИ ТАШАББУСКОР

Ӯ ботинан ошиқи зиндагӣ, накӯному накӯкор, ҳамдилу ҳамдами дӯст аст. Аз ҳама муҳимаш, муҳаббат ба Ватану халқ, касби омӯзгорӣ, хислатҳои наҷибу ҳамидаи инсонӣ дар замири Озода Назарова ҳастанд.

Вай соли 1966 дар оилаи меҳнаткашони одӣ чашм ба олами ҳастӣ кушод. Он айём хурсандии волидон ҳадду канор надошт. Ба тифлак Озода ном гузоштанд, ки воқеан имрӯзҳо низ фикру андешаҳои озод, лоиқи таҳсину ситоиш аст. Ӯ сарвари мактаби миёнаи рақами 73-юми шаҳри Самарқанд, (собиқ таълимгоҳи рақами 14-уми деҳаи Навбоғчиён) мебошад. Фаъолияти пурсамарона, ибратбахшу бунёдкоронаи Озода аз ҷониби садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Самарқанд бо мукофотҳо қадршиносӣ шудааст.

Шахсан ман ифтихор аз он дорам, ки замоне устоди ӯ будам. Аз сабаби он ки дар оила ҳама дилбохтаи адабиёт буданд, Озода низ ба худ тасмими омӯзгори ин фан шуданро гирифт. Пас аз соҳиби номаи камол шудан ҳуҷҷатҳои худро ба факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурда, аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт. Бо дипломи имтиёзнок ба зодгоҳ баргашт ва фаъолияти педагогиро ба ҳайси муаллими забони русӣ оғоз намуд. Боиси ифтихору хушнудист, ки шогирдам Озода Назарова аз рӯзи нахустин бо ташаббусу навоварӣ, ҷолибшиканӣ ба ҳурмату эҳтироми ҷамоаи мактаб, падару модарон соҳиб гардид. Дар озмунҳои « Муаллими сол» ширкат варзида, дар зинаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ мақоми баландро гирифт.

Собиқаи меҳнати ӯ дар мактаби мазкур беш аз сӣ сол буда, 10 соли охир дар зимма вазифаи пурмасъулияти мудирӣ дорад.

– Ҳеҷ аз хотирам намеравад, – бо табассуми дилнишину гуворо лаб ба сухан кушод шогирдам, – нобаҳангом маро ба шуъбаи таълими халқии ноҳияи Самарқанд даъват намуданд ва мудир Баҳриддин Мардонов (рӯҳаш шод бод) ба ман гуфтанд, ки мо дар ин ҷо машварат ороста қарор кардем, ки шуморо директор таъин намоем. Зеро нишондодҳои мактаб дар ҳама соҳа коҳиш ёфтааст. Мо аз ҷоннисорӣ, ташаббускорӣ навоварии шумо хабардор ҳастем. Номзадии шуморо ҳокими ноҳия низ маъқул дониста, ба роҳбарӣ розигӣ дод. Омад ёр бод!

Баъд аз он, ки Озода роҳбарии ин масканӣ илму адабро бар дӯш гирифт, масъулияташ афзуд. Бо кӯшишҳои бевоситаи ӯ ва бо дастгирии ҳомиёну саховатмандони деҳот синфхонаҳои иловагӣ сохта ба истифодабарӣ супурда шуд. Чанде пеш мактаб дар опен-буҷа беш аз ду миллиард сӯм бурд карда, аз ҳамон ҳисоб бинои нави хушсохту замонавӣ қад афрохт.

– Озода Назарова бонуи мардтинати исмаш ба ҷисмаш монанд, яъне озодандеш ва аз ҳама муҳимаш бунёдкору ташаббускор аст, – мегӯяд амини маҳаллаи Навбоғчиён Мурод Остонақулов, – шогирдонаш номбардори на танҳо маҳалла, инчунин шаҳру вилоят мебошанд. Масалан, соли гузашта аз 91 нафар хатмкунандагон қариб нисфи онҳо ба мактабҳои олии Ӯзбекистон ва кишварҳои хориҷӣ дохил шуданд. Яке аз хатмкунандагон Давлат Шодиев бо гранти давлатӣ донишҷӯйи Донишгоҳи Лондон гардид.

– Ҳоло дар мактаби мо беш аз ҳазор нафар таҳсил гирифта, ба онҳо қариб 70 нафар муаллимони соҳибтаҷриба сабақ медиҳанд, – иброз дошт мудири таълимгоҳ Озода Эргашевна, – омӯзгорон Мартаба Шодиқулова, (забони русӣ), Моҳидил Қӯчқорова (биология), Шаҳноза Султонова (химия), Фаррух Раҷабов (физика) ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ Заррина Маҳмудова, Мадина Аҳрорқулова ва дигарон соҳиби тоифаҳои гуногун буда, дар байни падару модарон эҳтироми хоса доранд. Чанде пеш ба муносибати Рӯзи хотира ва қадршиносӣ бо ташаббусу талаботи сарвари таълимгоҳ дар мактаб дар атрофи як пиёла чой суҳбати дилнишину гуворо оростем. Ёди ҳамкасбони раҳматӣ Рустам Ҳусейнов, Умеда Акрамова, Мусавара Ҷумъаева, Рамзия Собирова, Дилором Маматқулова, Адулқосим Халилов ва дигаронро кардем.

Воқеан Озода Назарова дар зиндагӣ низ хушбахту саодатёр аст. Дар муҳити фарҳангии омӯзгори асил фарзандону наберагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳисси ифтихор ва соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ба воя расида, хидмат ба халқ ва саҳмгузорӣ дар рушду нумӯи Ватанро вазифаи муқаддасу шарафноки худ мешуморанд.

**Хуршеда АКРАМОВА,**
**собиқадори таълими халқӣ.**
*Шаҳри САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
**Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.**

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.